**“Тасдиқ менамоям”**
**Ректори Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”**
**доктори илмҳои таърих, профессор**
**_________________ Усмонзода Аюб Ислом**
**“______” ___________ соли 2023**

# ХУЛОСАИ

**Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”**

**ба рисолаи номзадии Исматдинов Алишер Муҳамадович таҳти унвони “Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ), (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ).**

Рисолаи мазкур дар кафедраи педагогикаи умумии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба итмом расонида шудааст.

Рисолаи мазкур дар кафедраи педагогикаи умумии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба итмом расонида шудааст.

Дар давраи коркарди рисолаи илмӣ ва таҳияи он Исматдинов А.М. ба ҳайси муалими кафедраи экология ва ҳифти табиати МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” кору фаъолият бурдааст.

Исматдинов А.М. соли 2009 ба факултети фанҳои табиии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси “Экология” хатм намудааст.

Дар баробари коркард ва таҳияи рисолаи номзадиаш Исматдинов А.М. ба ҳайси унвонҷӯи кафедра фаъолият бурда, имтиҳоноти номзадии худро супорида, соли 2020 шаҳодатнома, дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадиро аз тарафи Раёсати МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” соҳиб гаштааст.

Тибқи қарори Шӯрои олимони МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”, ба ҳайси роҳбари илмӣ, Азизов Абдулатиф Абдуҳалимович доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технология ва методикаи таълими они факултети санъати тасвирӣ ва технология таъин гардидааст.

Рисолаи илмии Исматдинов А.М. 26 – уми декабри соли 2020 барои ҳимоя пешниҳод карда шуда, аз сабаби риоя нагардидани бандҳои 10, 11 ва 16 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисос, диссертатсия аз тарафи КОА рад карда шуда буд. Баъди ислоҳ кардани ин камбудиҳо рисолаи илмии Исматдинов А.М. таҳти унвони "Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)" бо назардошти муҳлати муқарраргардидае, ки дар Низомномаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст, барои ҳимояи такрорӣ пешниҳод карда шуда истодааст.

Вобаста ба натиҷаи муҳокимаи пешакӣ чунин хулосабарорӣ карда шуд:

Мубрамияти рисолаи илмӣ дар он асос ёфтааст, ки дар ҳақиқат таърихи ҷомеаи башарӣ бо табиат, мабдаи аввалин, ки оғоз аз ҷомеаи ибтидоӣ то бо қарни технологияҳои олии босуръат ба муҳити зист ва муҳити биологӣ дохил мешавад, робитаи ногусастанӣ дорад. Инсон як ҷузъи табиат буда, дар доманаи нахустмояи он тарбия ёфта, сарвату конҳои онро азхуд намуда, дар худ фарҳанги муоширатро бо табиат тарбия кардааст, ки ҳоло дар мусобиқаи «одам - табиат» инсон мавқеи бартаридоштаро нишон медиҳад, торафт ба табиат чуқуртар ва амиқтар реша давонда, табиатро ба таҳаввулоти азиме, ки барои инсон ва ҷомеа дар тараққиёти дарозмуддат зарур аст, дучор месозад.

Аксарият аз олимон ва муҳаққиқони мамлакатҳои гуногун воқеиятҳои мавҷударо дар экологии сайёраи мо бӯҳронӣ ва марговар арзёбӣ карданд. Акнун пӯшида нест, ки ин вазъияти ногувор бо омилҳои зиёд, аз ҷумла афзоиши зиёди соҳаи истеҳсолот вобаста ба афзоиши аҳолии ҷаҳон, ҳаҷми зиёди истеъмоли захираҳои табиӣ, муносибати нодуруст ва ғайриоқилонаи инсон ба захираҳои табиат ва дар маҷмӯъ ба тамоми табиат алоқамандӣ дорад. Иқтидори торафт афзояндаи инсон нисбат ба табиат боиси офатҳои азими табиӣ мегардад, ки оқибатҳои онҳо ҷомеаи инсониро дар давоми даврахои минбаъда то дер ҳамроҳӣ хоҳанд кард. Инқилоби илмию техникӣ, пешрафти техникӣ бо афзоиши таъсири инсон ба муҳити табиӣ бо сарфи ғайриоқилонаи захираҳои табиӣ, истеҳсоли номутаносиби канданиҳои фоиданок ва сарватҳои табиӣ алоқаманд аст. Оқибати чунин муносибат метавонад камшавии

бебозгашт, азхудкунии пурраи сарватҳои табиӣ, вайрон шудани мувозинати табиӣ, ифлосшавии ҳаво ва офатҳои табиӣ бошад.

Тарбияи фарҳанги экологии узвҳои муосири ҷомеа имкон медиҳад, ки нерӯи зеҳнӣ ва ҷисмонии шахс ба ҳифзи муҳити зист ва биосфера равона гардад, онҳо дар тозагӣ ва ҳолати коршоям нигоҳ дошта шаванд, захираҳои табииро ҳифз ва афзун намоянд, инчунин тарзи ҳаёти солим риоя гардад, ки дар ниҳояти кор ин ба наслҳои оянда муҳити тозаи зист ва ҷиҳати экологии солимро мерос гузоштанро дар назар дорад. Тарбияи фарҳанги экологӣ, пеш аз ҳама, ба ҳифзи генофонди миллат, зиндагӣ дар биосфераи аз ҷиҳати экологӣ тозаву солим нигаронида шудааст.

Масъалаи ташаккули шахсият – омили фарҳанги умумӣ ва экологӣ, ки қобилияти амиқ дарк кардан ва мақсаднок амалӣ намудани ғояҳои дигаргунсозии муштараки ҷомеа ва муҳити зистро дорад, бо азнавсозии низоми тарбияи экологии хонандагон ва донишҷӯён ба тарзи сифатан нав вобастагии зич дорад ва робитаи омӯзгори фанни технология бо шахсияти хонандаро муайян мекунад. Тарбияи фарҳанги экологӣ дар донишҷӯён, таҳкими он дар шуури онҳо ва татбиқи минбаъдаи он асосан аз ҷониби омӯзгор амалӣ карда мешавад, яъне маҳз омӯзгор, ки дар натиҷаи ин ҷаҳонбинии ҷадиди ҷомеаро аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва экологӣ ташаккул медиҳад. Вобаста ба ин сатҳи зарурии омодагии омӯзгорониояндаи фанни технология бояд бо заминаҳои илмӣ ва амалӣ таҳким бахшида шуда, мушкилоти самти мазкур дар доираи таҳқиқи бисёрҷанба ба таври амиқ омӯхта шаванд.

Мавзӯи таҳқиқоти илмии Исматдинов А.М. яке аз қисматҳои муҳими дурнамои нақшаи таҳқиқотии кафедраи педагогикаи умумии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” махсуб ёфта, он дар Шӯрои ҳамоҳангсозии таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Мазмун ва муҳтавои рисолаи номзадӣ ба шиносномаи ихтисос 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мутобиқат мекунад.

Аз ин ҷиҳат, мавзӯи интихоб намудаи Исматдинов А.М. мубрам арзёбӣ шуда, рисолаи пурмӯҳтавое дар мавриди пажӯҳиши педагогикаи муосир, дар мисоли шароитҳои дидактикии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорониояндаи технология маҳсуб мегардад.

Дар мутолиаи рисола муайян гардид, ки он аз муқаддима, ду боб, ҳашт зербоб, хулоса, феҳрасти адабиёти идмӣ ва замимаҳо иборат аст. Муаллифи рисола дар муқаддима оид ба мубрамии масъалаи

мазкур, зарурияти баргузории таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, ҳадафи таҳқиқот, объекти таҳқиқот, масъалаҳои таҳқиқот, усулҳои таҳқиқот, соҳаҳои таҳқиқот, марҳилаҳои таҳқиқот, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назарии таҳқиқот, аҳамияти амалии таҳқиқот ва нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия коркарду татбиқи натиҷаҳои кор мулоҳизаронӣ кардааст.

**Боби якуми рисола,** ба омӯзиши «Масъалаи назария ва амалияи ташаккули технологияи фарҳанги экологии омӯзгорони оянда дар раванди таълими муассисаҳои таълимии олӣ» бахшида шуда, дар бобати таърихи инкишофи ҷамъияти инсонӣ бевосита бо табиат алоқаманд будан, муҳити зисти худро фаъолона ба муқаррароти фарҳангии худ мутобиқ сохтан ва фаъолияти табиат офаринии инсон аз имкониятҳои худтанзимкунии низомҳои табиӣ бештар гардида, хавфи фалокати глобалии экологиро ба миён овардан маълумоти амиқ оварда шудааст.

Дар боби мазкур бо маврид қайд гардидаст, ки фарҳанги экологӣ чун сифати шахсият дар худ ҷаҳоншинохт ва тафаккури экологӣ, низоми дониш, арзиш, эҳсос, меъёр ва қоидаҳои экологӣ, ҳамчунин тартиби фаъолияти ҳифзи табиат ва рафтори мутобиқ ба экологияро дар муҳити иҷтимоию табиӣ дар бар мегирад. Ин имкон медиҳад, дар сохтори фарҳанги экологии шахсият ҷузъҳои зерин ҷудо карда шаванд: когнитивӣ, арзишию меъёрӣ, ахлоқию ҳуқуқӣ, эҳсосию иродавӣ, фаъолиятӣ. Ин ҷузъҳо соҳаҳои асосии шахсиятро фаро мегиранд.

Таҳлили корҳои илмии мазкур ва корҳои дигар нишон додааст, ки фарҳанги экологии омӯзгорро чун як қисми фарҳанги умумӣ ва касбию педагогии ӯ баррасӣ кардан мумкин аст.

**Дар боби дуюм** доир ба “Шартҳои дидактикии баланд бардоштани самарабахшии ташаккули фарҳанги экологӣ дар омӯзгорониояндаи технология” корҳои пажӯҳиши бурда, таҳқиқотчӣ дар бахшҳои алоҳидаи он доир ба масъалаҳои муроқабати дидактикии раванди ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони оянда андешаронӣ намуда, мафҳумоти зеринро ба ришати таҳлил кашидааст:

- вазифаҳои гуногун сатҳи ташхисӣ ва инкишофдиҳанда, ки ба ошкор сохтани сатҳи азхудкунии донишҳои экологӣ, инкишофи тафаккури экологӣ ва ташаккули шуури экологии донишҷӯён нигаронида шудаанд;

- бозиҳои кории дидактикӣ, ки махсусиятҳои касби азхудкунандаро ба назар мегиранд ва ба ҳосил кардани таҷрибаи фаъолияту рафтори

экологию педагогӣ аз ҷониби омӯзгорони ояндаи технология равона карда шудаанд.

Дар боби мазкур таъкид карда мешавад, ки натиҷаҳои кори таҷрибавию озмоишӣ самарабахшии нисбатан баланди мундариҷа, шакл, метод ва воситаҳои ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технологияро, ки мо коркард намудем, дар раванди таълими муассисаи олӣ собит сохтанд.

Ҳамин тавр, фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология ҳангоми татбиқ намудан лоиҳаҳои самташон экологӣ: назариявӣ, истеҳсолӣ, ҳифзи табиат, ландшафтӣ, солимгардонӣ, методӣ ифода меёбад.

Дар хулоса муҳимтарин бардоштҳои муаллифи рисола зикр шудаанд, алалхусус донишҷӯён ва ҷавонони имрӯзаро оид ба оқилона истифода бурдани сарватҳои заминӣ ва баланд бардоштани фарҳанги экологии онҳо таъкидоди амиқ пеша кардааст. Ҳамчунин, вазифаҳои гуногунсатҳаи ташхисӣ ва инкишофдиҳанда ва бозиҳои кории дидактикӣ, Интернет-захираҳо, рефератҳою маърӯзаҳои мӯҳтавояшон экологӣ воситаҳои самарабахши мурофиқати дидактикии раванди ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология ба шумор рафтан бо маврид зикр карда шудааст.

Рисолаи илмӣ ба анҷом расонида дар сатҳи хуби илмиву назариявӣ ва амалӣ омода гардида, барои ҳалли масъалаи гузошташуда бо далелҳо асоснок карда шудааст.

Алишер Исматдинов дар ҷараёни таҳлил маводи бисёр ва пурарзиши гирдовардааш барои эътимод бахшидан ба андешаронии хеш бо осори таҳқиқии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ такя намуда, дар мавридҳои зарурӣ аз маъхазҳои гирдовардааш ба таври фаровон истифода бурдааст.

Таъкид кардан бо маврид аст, ки ҷанбаи илмии рисола қавӣ буда, таҳқиқотчӣ барои таълифи пажӯҳиши мазкур аз осори таҳқиқии зиёди муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ иқтибосҳо овардааст.

Рисола бо забони хуби илмӣ навишта шуда, баёнгари он аст, ки унвонҷӯй дар атрофи мавзӯи интихобнамудааш аз оғози таҳқиқоташ то охир ҷиддан таҳлили кори илмӣ бурдааст.

Ба хотири амиқ дарк кардани моҳияти масъала, унвонҷӯй дар рисолаи хеш понздаҳ ҷадвалу накшаҳоро ҷой додааст.

Дар маҷмӯъ мазмуну мухтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолоти таълифнамудаи муаллиф, ки дар

маҷмӯъ фарогирӣ 2 адад дастури методӣ ва 12 адад мақолаҳои илмӣ буда, 6 мақола дар нашрияи тақризии КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, пурра инъикос мекунанд.

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи номбурда ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мутобиқат менамояд.

**Қарор карда шуд:**

1. Хулосаи пешниҳод намудаи номзади илмҳои педагогӣ Кучибоев Шӯҳратҷон Икромбоевич оид ба рисолаи илмии Исматдинов Алишер Муҳамадович дар мавзӯи “Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)” ба инобат гирифта шавад;
2. Рисолаи илмии Исматдинов Алишер Муҳамадович дар мавзӯи “Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)” аз нигоҳи мазмун ва мӯҳтаво муҳим арзёбӣ гардида, тибқи бандҳои 10, 11 ва 16 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 ба тавсиб расидааст мувофиқкунонида шудааст рисолаи ба анҷомрасида ҳисобида шавад;
3. Рисолаи илмии Исматдинов Алишер Муҳамадович дар мавзӯи “Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) барои ҳимояи такрорӣ пешниҳод карда шавад.

Хулоса аз тарафи мудири кафедра номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедра Кучибоев Ш.И. тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” қабул карда шудааст, дар ҷаласа 25 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо “тарафдор” 25 нафар, “муқобил” 0 нафар (суратҷаласаи № 6 аз 27 – уми январи соли 2023)

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи педагогикаи умумии
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Б.Ғафуров”, номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент Кучибоев Шӯҳратҷон Икромбоевич

Котиби ҷаласа кафедраи педагогикаи
умумӣ: Атоҳоҷаева Ҳафизахон Аҳроровна

**Маълумот барои тамос**
Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд,
кӯчаи Мавлонбеков 1. тел. (+992) (92) 823-33-78.
почтаи электоронӣ: kuchiboev1975@mail.ru

Имзои дотсент Кучибоев Ш.И. ва котиби ҷаласа Атохоҷаева Ҳ.А. - ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ - и МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" Наврӯзов Э.М.